*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 148 (4731) | ДУШАНБЕ, 4 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# САФАРИ КОРИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ ДУБАЙИ АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ

(Идома аз шумораи гузашта)

**Якуми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб дар маросими ифтитоҳи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28) иштирок карданд.**

Дар маросими ифтитоҳи конфронс Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Аморати Муттаҳидаи Араб Шайх Муҳаммад ибни Зойид Оли Наҳён ва Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антонио Гутерриш истиқбол гирифтанд.

Дар Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28) роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳои беш аз 160 кишвари ҷаҳон, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ иштирок карданд.

**Якуми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб дар иҷлосияи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумати Аморати Муттаҳидаи Араб изҳори миннатдорӣ намуда, ба масъалаҳои асосии мушкилоти тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Ба таъкиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мамлакати мо, ки 93 фоизи онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, яке аз давлатҳои аз ҳама осебпазир аз оқибатҳои тағйирёбии иқлим мебошад. Тавре Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, офатҳои табиӣ, ки ба об марбут мебошанд, ҳамасола ба ҷумҳурии мо зарари калони молиявӣ ва моддӣ мерасонанд ва дар баъзе ҳолатҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз намуданд, ки мамлакати мо ҳамасола бо обхезиҳо, ярч, тармафароӣ ва дигар офатҳои табиӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Бо мақсади паст намудани таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то давраи соли 2030»-ро татбиқ менамояд.

Сипас, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афзалиятҳои Тоҷикистонро дар самти тағйирёбии иқлим номбар намуданд.

Ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз буда, мамлакати мо бо сабаби кам будани ҳаҷми чунин партовҳо дар ҷаҳон дар ҷойи 130-юм қарор дорад. Яъне, ба шарофати ҳаҷми ками ин партовҳо Тоҷикистон дар ҷаҳон мақоми пешсафро ишғол менамояд.

Тавре Пешвои миллат иброз намуданд, Тоҷикистон яке аз мамлакатҳои пешсафи сайёра аз рӯи фоизи зиёди истеҳсоли «энергияи сабз» мебошад. Дар Тоҷикистон 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мегардад ва давлати мо аз рӯи фоизи «энергияи сабз», ки аз манбаъҳои барқароршаванда истеҳсол карда мешавад, дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Президенти мамлакат изҳор намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дастовардҳояшро дар ин самт афзун менамояд ва дар оянда мақсад дорад, ки иқтидори истеҳсоли «энергияи сабз»-ро ҳамчун асоси рушди «иқтисоди сабз» ду баробар афзоиш бахшад. Бо ин мақсад ба таъкиди Пешвои миллат, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди «иқтисодиёти сабз» барои солҳои 2023-2037» қабул шуда, амалӣ мегардад, ки ба истифодаи пурмаҳсули захираҳои табиӣ, ҷалби маблағ ва «технологияҳои сабз» равона гардидааст.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи ҳозиринро ба ҳақиқати раднопазир ҷалб намуданд, ки тағйирёбии иқлим дар навбати аввал ба манбаъҳои захираҳои об таъсири манфӣ мерасонад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон коҳишёбии захираҳои обро дар натиҷаи обшавии босуръати пиряххо ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии тағйирёбии иқлим номиданд.

Ба ҳайси далели барҷастаи ин раванд обшавии пурраи ҳазор пирях аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар даҳсолаи охир, ки 60 фоизи захираҳои оби минтақаи мо аз он сарчашма мегирад, таъкид гардид.

Пешвои миллат дар суханрониашон, инчунин, ба ташаббусҳои давлати мо, ки ба ҳифзи манбаъҳои захираи об равона шудаанд, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд. Бо ташаббуси Тоҷикистон Қатъномаи Маҷмаи умумии СММ дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» эълон намудани соли 2025 ва «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» эълон намудани 21 март қабул гардида, ҳамчунин «Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо» таъсис дода шуд.

Президенти кишвар тасмими Тоҷикистонро дар бобати ба ин фонд гузаронидани саҳми молиявии нахустини худ эълон намуданд. Ба таъкиди Сарвари давлати мо, дар ин фонд, ҳамчунин, ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ низ ҳиссагузор хоҳанд буд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори боварӣ намуданд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба амалишавии саривақтии дигар ҳадафу уҳдадориҳои марбут ба об мусоидат менамояд.

Дастоварди муҳими ин раванд натиҷаҳои Конфронси дуюми оби СММ, ки моҳи марти соли равон дар шаҳри Ню-Йорк таҳти раёсати Тоҷикистон ва Нидерланд барпо гардид, номида шуданд.

Пешвои миллат омодагии ҷониби Тоҷикистонро барои идомаи талошҳояш ҷиҳати рушди ҳамкории созанда дар татбиқи рӯзномаи ҷаҳонии об ва иқлим таъкид намуданд.

**Дуюми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб дар ҳошияи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим дар маросими ифтитоҳи Павилиони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва чорабинии сатҳи баланди «Амалҳои ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи пиряххо», ки бо ибтикори кишвари мо дар чорчӯбаи конфронси мазкур доир гардид, иштирок ва суханронӣ карданд.**

Дар суханрониашон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокдорони ҷамъомадро хайра мақдам гуфта, таваҷҷуҳи ҳозиринро ба аҳамияти қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва санаи 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо», ҳамчунин, дар чорчӯбаи СММ таъсис додани «Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо» ҷалб намуданд.

- Мавриди зикр аст, ки қатъномаи мазкури СММ аҳамияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ эътироф намуда, вобастагии пиряххо ва иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устуворро ифода мекунад, - таъкид карданд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

(Давомаш дар саҳ. 3)

## ТОҶИКИСТОН ТАДБИРҲОИ АМАЛИРО ДАР САМТИ ИСТИФОДАИ ОҚИЛОНАИ ОБУ ЗАМИН ВА ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР БАРОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ МЕАНДЕШАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи пленарии Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим**

**Аморати Муттаҳидаи Араб, якуми декабри соли 2023**




**Муҳтарам хонум Раис!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, мехоҳам ба Созмони Милали Муттаҳид ва Ҳукумати Аморати Муттаҳидаи Араб барои баргузории иҷлосияи имрӯза миннатдории худро иброз намоям.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, рӯ ба рӯйи пайомадҳои тағйирёбии иқлим яке аз кишварҳои осебпазир ба шумор рафта, ҳамасола бо обхезӣ, сел, фаромадани ярчу тарма ва дигар офатҳои табиии марбут ба об дучор мешавад.

Мо аз офатҳои табиии марбут ба об, ки дар ҳолатҳои алоҳида ҳатто боиси талафоти ҷонӣ мегарданд, ҳамасола зарари зиёди молию моддӣ мебинем.

Ба мақсади паст кардани таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим барои давраи то соли 2030»-ро татбиқ менамояд. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои ин стратегия, инчунин, кумаки молиявии ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла барои баланд бардоштани иқтидор ва интиқоли «технологияҳои сабз», зарур мебошад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳиссаи Тоҷикистон дар ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ночиз буда, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо ҷойи 130-юмро ишғол менамояд. Яъне, аз рӯйи андозаи пасти чунин партовҳо кишвари мо дар ҷаҳон мавқеи пешсафро ишғол менамояд.

Кишвари мо, ҳамчунин, яке аз кишварҳои пешсафи сайёра аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» ба ҳисоб меравад.

Тоҷикистон 98 фоизи барқи худро дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда, аз рӯйи фоизи тавлиди «энергияи сабз» аз манбаъҳои таҷдидшаванда дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд. Мо ният дорем, ки дар оянда иқтидори истеҳсоли «энергияи сабз»-ро ҳамчун заминаи асосии пешбурди «иқтисоди сабз» ду баробар афзоиш диҳем.

Дар ин замина бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармоя ва «технологияҳои сабз» ба иқтисод аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037» қабул гардида, мавриди татбиқ қарор гирифтааст.

Ба мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ, Тоҷикистон тадбирҳои амалиро дар самти истифодаи оқилонаи обу замин ва технологияи муосир барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ меандешад.

**Муҳтарам хонум Раис!**

Тағйирёбии иқлим, пеш аз ҳама, ба манбаъҳои захираҳои об таъсири манфӣ мерасонад. Харобшавии манбаъҳои захираҳои об яке аз нишондиҳандаҳои манфии тағйирёбии иқлим ба шумор меравад. Дар ин раванд обшавии босуръати пиряххо баръало мушоҳида мешавад. Даҳсолаҳои охир шумораи умумии пиряххои Тоҷикистон, ки 13 ҳазорро ташкил дода, манбаи шаст фоизи обҳои минтақаи мо мебошанд, ба андозаи зиёда аз як ҳазор кам гардидааст.

Бо ташаббуси Тоҷикистон Қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ва 21-уми март «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» қабул гардида, «Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо» таъсис дода шуд. Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки саҳми молии аввалияи худро ба ин фонди мақсаднок гузорад. Умед дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои байналмилалӣ низ дар ин фонд ҳиссагузор хоҳанд буд.

Итминон дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳамчунин, дар татбиқи саривақтии дигар ҳадафу уҳдадориҳои марбут ба об, бахусус натиҷаҳои Конфронси дуюми оби Созмони Милали Муттаҳид, ки моҳи марти соли ҷорӣ дар шаҳри Ню-Йорк таҳти раёсати Тоҷикистону Нидерланд баргузор гардид, саҳм хоҳад гузошт.

Мо ҷиҳати рушди ҳамкориҳо дар татбиқи рӯзномаи глобалии обу иқлим минбаъд низ талошҳои худро идома хоҳем дод.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Чоруми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар он масъалаҳо «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раисони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Рустам Латифзода, оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ ва оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА, «Садои мардум»**





# 60 ФОИЗИ ОБҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ АЗ ПИРЯХҲО ВА ЗАХИРАҲОИ БАРФИИ ТОҶИКИСТОН МАНШАЪ МЕГИРАНД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии канории «Амалҳои ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи пиряхҳо»**

**Амороти Муттаҳидаи Араб, дуюми декабри соли 2023**

**Муҳтарам иштирокдорони чорабинӣ!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, шуморо дар ин чорабинӣ хайра мақдам мегӯям.

Обшавии пиряхҳо яке аз нишондиҳандаҳои асосии арзёбии таъсири тағйирёбии иқлим ба манбаъҳои захираҳои об мебошад.

Нишасти имрӯзаи мо конфронси дуюми сатҳи баланд аст, ки пас аз қабули Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» баргузор мегардад. Мехоҳам қайд намоям, ки мутобиқи ин қатънома 21 март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо» эълон гардида, «Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо» таъсис дода шуд.

Иҷлосияи нахустин оид ба ин қатънома зери унвони «Харитаи роҳ барои соли 2025: Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» дар шаҳри Ню-Йорк дар ҳошияи Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардида буд.

Ҳадаф аз баргузории чорабинии имрӯза, пеш аз ҳама, муттаҳид сохтани талошҳои ҷонибҳои гуногуни дахлдор барои натиҷабахш ва комёб гардонидани ин ташаббус мебошад.

Мавриди зикр аст, ки Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид аҳамияти пиряхҳоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ эътироф намуда, вобастагии мутақобилаи ҳолати пиряхҳо ва иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устуворро ифода мекунад. Ин санад ҳамзамон таъсири гармшавии глобалиро заминаи коҳиши густурдаи криосфера дониста, коста шудани устувории муҳити зистро дар минтақаҳои баландкӯҳ натиҷаи ин раванд маънидод кардааст.

Яке аз натиҷаҳои манфии ин раванд, ин коҳиши манбаъҳои об ва мутаносибан кам гардидани миқдори об дар дарё ва кӯлҳо мебошад. Пайомадҳои манфии ин омилҳо на танҳо ба муҳити зист, балки ба сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо низ таъсиргузор хоҳанд буд. Кишвари мо соли 2025 Конфронси байналмилалии сатҳи баландро дар мавзӯи ҳифзи пиряхҳо мизбонӣ хоҳад кард.

Мо барои дар сатҳи баланди ташкилӣ ва мундариҷавӣ баргузор гардидани ин чорабинии муҳими байналмилалӣ пайгирона талош хоҳем кард.

**Дӯстони гиромӣ!**

Мувофиқи пешгӯиҳои коршиносон то соли 2050 тақрибан 30 фоизи аҳолии сайёра эҳтиёҷоти худро ба об қонеъ карда наметавонад.

Манбаъҳои оби тозаи минтақаи мо, ки асосан аз пиряхҳо ва захираҳои барфӣ маншаъ мегиранд, маҳз таҳти таъсири тағйир ёфтани иқлим коҳиш ёфта истодаанд.

Тибқи гузориши Панели байниҳукуматӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар бораи укёнусҳо ва криосфера (соли 2019) то охири садсолаи равон сеяки пиряхҳои ҷаҳон метавонанд аз байн раванд. Айни замон бинобар тағйирёбии иқлим ва баланд шудани ҳарорати ҳаво дар Осиёи Марказӣ масоҳати пиряхҳо босуръат коҳиш меёбад.

Таъкиди ин гуфтаҳоро мо дар мисоли Тоҷикистон мебинем. Аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон дар чанд даҳсолаи охир зиёда аз як ҳазораш об шуда, боиси афзоиши бесобиқаи офатҳои табиӣ дар кишвар гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки 60 фоизи обҳои Осиёи Марказӣ аз пиряхҳо ва захираҳои барфии Тоҷикистон маншаъ мегиранд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки бо мақсади арзёбии дақиқи таъсири тағйирёбии иқлим ба ҳолати пиряхҳои минтақа омӯзиши ҳамаҷониба ва мониторинги онҳо ба роҳ монда шавад. Ба ин мақсад ҳамзамон зарур медонем, ки имконияти таъсиси Маркази минтақавии мониторинг ва омӯзиши пиряхҳо дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Бинобар моҳияти пиряхҳо барои ҳифзи муҳити зист ва масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳама минтақаҳои ҷаҳон обшавии онҳо барои тамоми мардуми дунё боиси нигаронист. Имрӯз дар баробари обшавии пиряхҳои минтақаҳои кӯҳӣ ин раванд дар Арктика ва Антарктида низ ба чашм мерасад, ки боиси ташвиши ҷиддӣ аст.

Дар натиҷаи ин раванд баландшавии сатҳи оби укёнус мушоҳида мегардад, ки ба некуаҳволии садҳо миллион сокинони Замин таҳдид менамояд. Дар ин замина зарур мешуморем, ки масъалаи ҳифзи пиряхҳо дар рӯзномаи саммитҳои калон ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ аз мавзӯъҳои доимӣ ва меҳварӣ бошанд. Инчунин, лозим мешуморем, ки талошҳои муштарак, аз ҷумла ҷиҳати татбиқи ҳадафҳо дар чаҳорчӯбаи уҳдадориҳои иқлимӣ, ки ба пешгирӣ кардани гармшавии ҳарорати ҳаво равона шудаанд, ба роҳ монда шаванд.

Баргузор намудани Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба пиряхҳо дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе заминаи муҳимро барои татбиқи ҳадафҳои лозима ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи байналмилалӣ фароҳам месозад.

Мо боварӣ дорем, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла ниҳодҳои он, Ташкилоти ҷаҳонии обуҳавошиносӣ, ЮНЕСКО, институтҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар шарикон конфронси мазкурро дар сатҳи баланд баргузор хоҳем намуд. Итминони комил дорам, ки талошҳои якҷояи мо дар ин самт самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

Ба ҳамаамон дар роҳи расидан ба ин ҳадаф барори кор хоста, ба ҳамкории судманд дар ин ҷода даъват менамоям.

**Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!**

# АЙНИ ҲОЛ МО 98 ФОИЗИ БАРҚРО ДАР НЕРУГОҲҲОИ БАРҚИ ОБӢ ИСТЕҲСОЛ МЕНАМОЕМ

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мизи мудаввари сатҳи баланди Саммити ҷаҳонӣ оид ба амалҳои иқлимӣ дар доираи Конфронси бисту ҳаштуми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим**

**Амороти Муттаҳидаи Араб, дуюми декабри соли 2023**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вобаста ба саволи шумо нуктаҳои зеринро мехостам таъкид намоям.

Тоҷикистон аз ҷиҳати таъсири тағйирёбии иқлим ба захираҳои об ниҳоят осебпазир мебошад. Мисоли ин раванд босуръат об шудани пиряхҳои мо мебошад.

Бинобар тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон ҳамасола селу обхезиҳо ва дигар офатҳои табиии марбут ба об рух медиҳанд. Бар асари онҳо ба иқтисоди кишвар хисороти зиёд ворид мешавад.

Дар баъзе ҳолатҳо онҳо боиси талафоти ҷонӣ мегарданд.

Ба мақсади рушди тавлиди «энергияи сабз» ва кам кардани партовҳои карбонӣ мо тасмим гирифтаем, ки иқтидори неругоҳҳои барқи обии худро то соли 2050 ду баробар зиёд намоем.

Айни ҳол мо 98 фоизи барқи худро дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол менамоем.

Мутаносибан ҳаҷми обанборҳои кишвар низ то соли 2050 ду баробар зиёд мешаванд.

Қариб 60 фоизи захираҳои оби минтақаи Осиёи Марказӣ дар Тоҷикистон ташаккул меёбанд. Аз ин нигоҳ, обанборҳои мо барои таъмини мунтазами кишварҳои минтақа бо оби корезӣ низ хизмат хоҳанд кард.

Моҳи марти соли равон Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Нидерланд Конфронси таърихии оби Созмони Милали Муттаҳидро мизбонӣ кард.

Дар ин чорабинӣ рӯзномаи амал қабул гардид. Он зиёда аз 800 амалу уҳдадориро дар соҳаи об дар бар мегирад. Шумораи зиёди онҳо бо иқлим низ алоқамандии зич доранд.

Мусаллам аст, ки хатару таҳдидҳои обу иқлим талошу амалҳои ҷиддитарро талаб мекунанд. Дар ин робита, мехоҳам се нуктаи муҳимро зикр намоям:

Якум, дарки амиқи масъала ва пешбурди самараноки он, пеш аз ҳама, иродаи сиёсӣ ва таваҷҷуҳи муштараки сарони давлатҳо ва ҳукуматҳоро талаб менамояд.

Ҳамкории Тоҷикистону Нидерланд ҳамчун кишварҳои болообу поёноб гувоҳи возеҳи ҳамкориҳои созанда дар ин самт мебошанд.

Дуюм, имрӯз мо шоҳиди уҳдадории дастаҷамъонаи бонкҳои байналмилалии рушд ҷиҳати суръатбахшӣ ба маблағгузории соҳаи обу иқлим гаштем. Сипоси хешро ба онҳо барои саҳми муассирашон дар ин ҷода иброз менамоем.

Ҳамзамон, зарур мешуморем, ки дигар ҷонибҳо низ талошҳои худро дар ин самт фаъол намоянд.

Сеюм, мо бояд таҳия ва татбиқи механизмҳои муштараки расонидани кумакҳоро ба кишварҳои осебпазир таъмин намоем, зеро онҳо барои расидан ба ҳадафҳои марбут ба об имкониятҳои маҳдуд доранд.

Бо истифода аз фурсат, омодагии кишвари худро ҷиҳати минбаъд ҳам пеш бурдани масъалаҳои обу иқлим дар рӯзномаи ҷаҳонии рушд иброз медорам. Итминон дорам, ки талошҳои дастаҷамъонаи мо дар ин раванд самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

**Ташаккур барои таваҷҷуҳатон!**





# ТОҶИКИСТОН СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКАРО ЯКЕ АЗ АВЛАВИЯТҲОИ СТРАТЕГИИ ХУД МЕДОНАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии сатҳи баланди гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ дар ҳошияи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28)**

**Амороти Муттаҳидаи Араб, дуюми декабри соли 2023**

**Муҳтарам ҷаноби Раис!**

**Муҳтарам муовини Дабири кулл!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Сараввал, мехостам сипоси худро ба созмондиҳандагони ин чорабинӣ изҳор намоям.

Кишварҳои мо имсол дар остонаи баррасии ҳамаҷонибаи татбиқи «Барномаи амали Вена барои даҳсолаи 2014-2024» барои гурӯҳи кишварҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ қарор доранд. Бинобар ин, соли равон барои мо марҳилаи муҳим ба ҳисоб меравад. Умед дорем, ки бозбинии ҳамаҷониба зимни Конфронси сеюми Созмони Милали Муттаҳид (2024) барои ҳалли эҳтиёҷоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва ҷалби кумакҳои байналмилалӣ имкони муносиб фароҳам хоҳад овард.

Ҳамчунин, истифодаи мақсадноки иқтидори транзитии кишварҳои маҳсур дар хушкӣ барои дастрасии зудтар ба ҳадафҳои рушди устувор мувофиқ аст. Дар ин робита, истифодаи долонҳои нақлиётӣ ва транзитии минтақавӣ, ки ба талаботи «Барномаи амали Вена барои даҳсолаи 2014-2024» ҷавобгӯ мебошанд, қобили зикр аст. Аз ин рӯ, мо уҳдадориҳои худро ба муқаррарот ва тавсияҳои «Барномаи амали Вена барои даҳсолаи 2014 - 2024» ба таҳкими пайванди он ба рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва энергетикӣ, инчунин мусоидат ба густариши тиҷорати зерминтақавӣ ва минтақавӣ равона месозем.

**Ҳамкасбони муҳтарам!**

Тоҷикистон соҳаи энергетикаро яке аз авлавиятҳои стратегии худ медонад. Неругоҳҳои барқи обӣ, ки 98 фоизи неруи барқро дар Тоҷикистон тавлид мекунанд, манбаи аслии «энергияи сабз» дар кишвар ба шумор мераванд. Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати ба роҳ мондани мувозинати тавлид ва истифодаи неруи барқ тавассути азнавсозӣ ва афзоиши иқтидори неругоҳҳои мавҷудаи худ тадбирҳои ҳамаҷониба меандешад.

Тоҷикистон аз татбиқи усулҳои «иқтисоди сабз» ҷонибдорӣ мекунад. Маҳз, ба ҳамин мақсад, мо «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» дар Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027»- ро қабул кардем.

Мо чунин мешуморем, ки барои зиёд кардани ҳиссаи энергияи таҷдидшаванда дар давлатҳои рӯ ба тараққии маҳсур дар хушкӣ сармоягузории бештари кишварҳои мутараққӣ лозим аст.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Солҳои охир бинобар афзоиши таъсири манфии тағйирёбии иқлим равандҳои биёбоншавӣ, хушксолӣ, таназзули замин ва дигар офатҳои муҳити зист шиддат мегиранд. Барои пешгирӣ аз ин равандҳо моро зарур аст, ки иқдомоти муштаракро роҳандозӣ намоем. Масоили марбут ба об, хосатан дар кишварҳои осебпазир, аз ҷумла кишварҳои маҳсур дар хушкӣ, аҳамияти бештар доранд. Танҳо сеяки аҳолии ин кишварҳо бо оби нӯшокии бехатар таъмин мебошанд.

Чуноне медонед, Тоҷикистон ташаббускори қатъномаҳои обии Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид аст ва дар ин масъала бо тамоми шарикони байналмилалӣ ҳамкориҳои босамар дорад.

Қатънома дар хусуси эълон намудани солҳои 2018-2028 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор», ки ҳоло дар раванди татбиқ қарор дорад, аз ҷумлаи ин ташаббусҳост.

Аз нигоҳи мо, татбиқи ҳадафҳои ин даҳсола, инчунин, Рӯзномаи амалиёти об, ки дар натиҷаи Конфронси оби таърихии Созмони Милали Муттаҳид моҳи марти соли равон қабул гардид, ба иҷрои саривақтии Ҳадафи 6-уми рушди устувор дар кишварҳои маҳсур дар хушкӣ мусоидат хоҳад кард.

Зимни Конфронси оби Созмони Милали Муттаҳид мо пешниҳод намудем, ки Конфронси хотимавии Даҳсолаи байналмилалии амал «Об-барои рушди устувор» соли 2028 дар Тоҷикистон баргузор гардад. Боиси қаноатмандист, ки ин ташаббуси кишвари мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мо бори дигар таъкид менамоем, ки тағйирёбии иқлим яке аз таҳдидҳои ташвишовари замони муосир мебошад.

Таъсири пайомадҳои манфии ин раванд барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор дар кишварҳои гуногун, аз ҷумла Тоҷикистон монеаи ҷиддӣ эҷод мекунад. Бар асари тағйирёбии иқлим дар даҳсолаҳои охир аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазори онҳо об шуданд. Ин падида сабабгори чунин офатҳои табиӣ, ба мисли селу ярч, обхезӣ, хушксолӣ, шуда, ба соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар хисороти зиёдеро мерасонад. Ин раванд дар оянда барои таъмини амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба об, рушди кишоварзӣ ва экосистемаҳои Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ хоҳад расонд.

Вобаста ба ин аз аҳамияти Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст, ёдовар шудан бамаврид аст.

Мо ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар доираи Гурӯҳи навтаъсиси «Дӯстони пиряхҳо» ва дигар ҷонибҳои ҳавасманд дар амри амалӣ намудани муқаррароти қатъномаи мазкур омодагии хешро иброз медорем.

Тоҷикистон итминон дорад, ки ин иқдом барои андешидани тадбирҳои дастаҷамъонаи амалӣ ва ҳифзи пиряхҳо аз обшавии босуръат такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

Бо истифода аз фурсат, аз ҳозирини муҳтарам даъват ба амал меорам, ки дар чорабиниҳои оби дарпешистода дар Душанбе фаъолона иштирок намоянд.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ҲИССАИ КАМИ ҲАҶМИ ПАРТОВҲОИ ГУЛХОНАӢ ДАР МАҚОМИ МУСБАТ ҚАРОР ДОРАД

**Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити «Гурӯҳи 77 ва Чин» дар ҳошияи Конфронси 28-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP-28)**

**Амороти Муттаҳидаи Араб, дуюми декабри соли 2023**

**Муҳтарам Раис!**

**Муҳтарам сарони давлатҳо!**

**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Пеш аз ҳама, ба Президенти Ҷумҳурии Куба ҷаноби Мигел Диас-Канел Бермудас барои танзими чорабинии имрӯза изҳори сипос мекунам.

Ҳамзамон мехоҳам Кубаро ба муносибати раисии комёбаш дар «Гурӯҳи 77 ва Чин» дар соли 2023 табрик намоям.

Имрӯз тағйирёбии иқлим зимни истифодаи захираҳои табиӣ ва фаъолияти бемайлони соҳаҳои мухталифи ҳаёти инсон аз мо муносибати дастаҷамъона ва мукаммалро тақозо менамояд.

Офатҳои табиӣ ҳамасола ба соҳаҳои кишоварзӣ, муҳити зист ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти кишварҳои рӯ ба тараққӣ, хисороти зиёд ворид менамоянд.

Тоҷикистон низ, ки 93 фоизи қаламравашро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳанд, бинобар мунтазам рух додани офатҳои табиӣ аз тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад.

Ҳамасола офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ба маблағи садҳо миллион доллар зарар расонида, дар бисёр мавридҳо талафоти ҷониро низ ба бор меоранд.

Тағйирёбии иқлим боиси обшавии босуръати пиряхҳо, коҳиши ҳаҷми оби дарёҳо гардида, ба бахшҳои асосии иқтисоди миллӣ, аз қабили энергетика, кишоварзӣ ва саноат, таъсири манфӣ мерасонад.

То имрӯз аз 13 ҳазор пирях дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор адади он пурра об шудааст. Ин дар ҳоле мебошад, ки 60 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ аз пиряхҳои Тоҷикистон сарчашма мегиранд. Ба ин манзур идомаи эҳтимолии раванди обшавии босуръати пиряхҳо метавонад дар оянда ба ҳаҷми захираҳои оби минтақа таъсири ҷиддии манфӣ расонад.

Бешубҳа, аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Тоҷикистон эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» барои рушди ҳамкориҳои тарафҳои манфиатдор дар ин самт заминаи муносиб фароҳам меорад.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи кишварҳои гурӯҳ барои мунтазам дастгирӣ намудани ин ва дигар иқдомҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об миннатдориамро баён менамоям.

Тоҷикистон бар асоси уҳдадориҳои байналмилалии худ ва бар пояи муқаррароти Созишномаи Париж «Стратегияи миллӣ оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим то соли 2030»-ро таҳия намудааст.

Мо бар он назарем, ки айни замон яке аз роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Созишномаи Париж ташаккули «иқтисоди сабз» ва истифодаи босамар аз захираҳои энергияи таҷдидшаванда ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки яке аз роҳҳои ҳалли бомуваффақи мушкилоти марбут ба тағйирёбии иқлим рушди «иқтисоди сабз» мебошад, ки дар навбати худ зарурати рушди «энергияи сабз»-ро ба миён меорад.

Айни ҳол 98 фоизи барқ дар кишвари мо аз манбаъҳои барқароршавандаи тавлиди «неруи сабз» дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мешавад.

Тоҷикистон, ки аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон ҷойи 6-умро мегирад, аз рӯйи ҳиссаи ками ҳаҷми партовҳои гулхонаӣ низ дар мақоми мусбат қарор дорад. Бо назардошти ин воқеият, масъалаҳои вобаста ба тағйирёбии глобалии иқлим ва пайомадҳои номатлуби он ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мо қарор доранд.

Кишвари мо ба мақсади дастрасӣ ба ҳадафҳои «иқтисоди сабз» «Стратегияи рушди соҳа «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037»-ро таҳия намуда, мавриди татбиқ қарор додааст. Ин санад истифодаи самараноки обу замин, маъданҳои табиӣ, ҷалби сармоя, роҳандозии технологияи муосиру инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкории байналмилалиро дар ин самт дар назар дорад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Тоҷикистон ва соҳаҳои ояндадори он, бо назардошти хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар имкониятҳои мавҷуда, афзоиши истеҳсоли «энергияи сабз» мебошад.

Бунёди иншооти энергетикӣ, бахусус неругоҳҳои барқи обӣ, офтобӣ ва бодӣ, аз қабили иқдомоти муфид дар ин самт ба ҳисоб меравад. Иқтидори Тоҷикистон дар самти истеҳсоли энергия аз манбаъҳои барқароршаванда хеле васеъ мебошад.

Аз пардохтҳои экологӣ, аз ҷумла андоз аз «гази карбон» озод намудани маҳсулоти алоҳида, ки бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсол шудааст, метавонад дар оянда заминаи ташвиқи рушди ин соҳа гардад.

Албатта, барои Тоҷикистон, ба мисли дигар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти пешбурди «иқтисоди сабз» танҳо бо маблағҳои буҷетӣ мушкил аст. Дар робита ба ин, мо ба ҷалби сармояи хориҷӣ ва саҳми кишварҳои пешрафта дар самти рушд ва таҳкими иқтидори кишвар дар ин ҷода манфиатдор мебошем.

Бешубҳа, ҳеҷ як кишвар, сарфи назар аз зарфиятҳояш, наметавонад дар роҳи мутобиқшавӣ ба оқибатҳои тағйирёбии иқлим ба танҳоӣ муваффақ бошад.

Кишвари мо умед дорад, ки давлатҳои пешрафта, сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва ниҳодҳои бонуфузи молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳими мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва паст кардани шиддати он ҳамкории худро минбаъд ҳам идома хоҳанд дод.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрасӣ ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи ҷомеаи байналмилалӣ дар ростои тағйир ёфтани иқлим, бо назардошти имкониятҳои молиявию иқтисодии худ ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ, минбаъд низ саҳми худро хоҳад гузошт.

